**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №______
қарори шурои диссерататсионӣ аз
15 марти соли 2025, №66

Барои сазовор донистани Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 21-уми декабри соли 2024, №61 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссерататсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, № 225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо 9-уми майи соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Ӯ соли 2011 факултети №2 Академияи ВКД-ро хатм намудааст.

Аз соли соли 2011 то соли 2019 дар вазифаҳои муаллим ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 2020 то ба ҳол ба ҳайси дотсенти кафедраи номбурда фаъолият намуда истодааст.

Рисолаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми ноябри соли 2024, №5 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Сафарзода Ҳаёт Саидамир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Аззиззода Убайдулло Абдулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

– **Абдуллаев Нозим Саодуллоевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ш. Душанбе). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Миралиев С.А., дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Меликов У.А. ва котиби ҷаласа дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Сафаров И.Д. имзо ва аз ҷониби Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. санаи 19 феврали соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 13 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 8 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Монография ва дастури илмӣ-таълимӣ:**

**[1-М].** Аҳёзода, Ш.Т. Асосҳои муқовимат ба экстремизми (ифротгароии) динӣ (мазҳабӣ) [Матн]: монографияи дастҷамъона / Ш.Т. Аҳёзода [ва диг.]. – Душанбе: «Торус», 2022. – 260 с.; ISBN 978-99985-67-01-6.

[2-М]. Аҳёзода, Ш.Т. Муқовимат ба экстремизм ва терроризм [Матн]: дастури илмӣ-таълимӣ / Ш.Т. Аҳёзода [ва диг.]. – Душанбе: «Торус», 2024. – 432 с.; ISBN 978-99985-67-26-9.

## II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[3-М]. Аҳёзода, Ш.Т. Таҳдидҳои муосири экстремизми иттилоотӣ ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // Осори Академия. – 2019. – №4 (44). – С. 110-115; ISSN 2412-141X.

[4-М]. Аҳёзода, Ш.Т., Сабзализод, Ф.С. Тавсифи умумии табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии терроризм, ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва мукаммалгардонии мафҳуми «маблағгузории терроризм» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода, Ф.С. Сабзализод // Осори Академия. – 2020. – №4 (48). – С. 132-140; ISSN 2412-141X.

[5-М]. Сафарзода, Ҳ.С., Аҳёзода, Ш.Т. Вижагиҳои хосси ҷиноятҳои характери экстремистидошта, ки бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет содир карда мешаванд [Матн] / Ҳ.С. Сафарзода, Ш.Т. Аҳёзода // Осори Академия. – 2021. – №4 (52). – С. 92-100; ISSN 2412-141X.

[6-М]. Аҳёзода, Ш.Т. Хавфи экстремизми иттилоотӣ ва асосҳои назариявии муқовимат ба он [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // Осори Академия. – 2022. – №1 (53). – С. 101-109; ISSN 2412-141X.

[7-М]. Аҳёзода, Ш.Т. Асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №9. – С. 222-233; ISSN 2413-5151.

[8-М]. Аҳёзода, Ш.Т. Муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ дар доираи ҳамкориҳои созмонҳои минтақавӣ [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // Осори Академия. – 2023. – №4 (60). – С. 107-115; ISSN 2412-141X.

[9-М]. Аҳёзода, Ш.Т. Проблемаҳои мукаммалсозии бандубасти ҷиноятҳое, ки дар онҳо аломатҳои экстремизми иттилоотӣ инъикос ёфтаанд [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №2. – С. 253-264; ISSN 2413-5151.

[10-М]. Аҳёзода, Ш.Т. Умумият ва фарқияти терроризми иттилоотӣ ва экстремизми иттилоотӣ [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // Илм ва амният. – 2024. – №3 (9). – С. 96-102; ISSN 2959-6394.

## III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[11-М].** Аҳёзода, Ш.Т. Институти ҳуқуқи инсон дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва хавфу хатари экстремизм [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // V-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ»: маводи конференсия бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон (10 декабри соли 2022). – Душанбе: «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2023. – С. 41-46.

**[12-М].** Аҳёзода, Ш.Т., Урфонзода, Д.С. Баъзе аз ҷанбаҳои руҳию равонии шахсияти экстремист ва террорист [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода, Д.С. Урфонзода // IV-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ»: маводи конференсия бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон (10 декабри соли 2021). – Душанбе: «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2022. – С. 38-40.

**[13-М].** Аҳёзода, Ш.Т. Хавфу хатари экстремизм ва терроризм дар шабакаи интернет [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // V-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ»: маводи конференсия бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон (10 декабри соли 2021). – Душанбе: «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2023. – С. 50-55.

**[14-М].** Аҳёзода, Ш.Т. Мазмун ва моҳияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии минтақавӣ дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ [Матн] / Ш.Т. Аҳёзода // 25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 43-49.

**[15-М].** Сафарзода, Ҳ.С., Аҳёзода, Ш.Т. Нигоҳе аз таърихи миллати форсу тоҷик перомуни паёмадҳои ифротгароии динӣ-мазҳабӣ [Матн] / С.Ҳ. Сафарзода., Ш.Т. Аҳёзода // 25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 211-218.

## IV. Китобҳои дарсӣ ва дастури таълимӣ-методӣ:

**[16-М].** Аҳёзода, Ш.Т. Ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн]: китоби дарсӣ: дар III ҷилд. Ҷилди II. / Ш.Т. Аҳёзода [ва диг.]. (Муал. Боби 26. – С 203-258 ва Боби 30. – С 459-506). – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2023. – 640 с.; ISBN 978-99985-900-7-6.

**[17-М].** Аҳёзода, Ш.Т. Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ [Матн]: дастури таълимӣ-методӣ / Ш.Т. Аҳёзода [ва диг.]. – Душанбе: «Торус», 2021. – 136 с.; ISBN 978-99975-947-2-3.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Бобоҷонзода И.Ҳ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Давлатзода К.Д.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқӣ дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе;

**Ғафорова Ш.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидоштаи зерин пешниҳод шудаанд:

1. Чӣ тавре ки аз таҳлили автореферат бармеояд, муҳаққиқ дар зербоби сеюми боби якуми рисолаи илмӣ бо таври муфассал таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои узви ИДМ-ро анҷом дода, хусусиятҳои умумии қонунгузории зиддиэкстремистии давлатҳои аъзои ИДМ ва баъзе вижагиҳои ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ хеле собитқадамона муайян карда шудаанд, аммо пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати истифодаи меъёрҳои нисбатан бартариятдоштаи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ барои мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур нагардидаанд.

2. Муаллиф дар банди якуми пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд, қайд менамояд, ки «экстремизми иттилоотӣ вобаста аз хавфи ҷамъиятиаш метавонад табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ-маъмурӣ дошта бошад, ҳол он, ки дар банди дуюми пешниҳодҳо сухан дар мавриди «паст задани обрӯ ва эътибори шахс аз рӯйи ангезаҳои экстремистӣ» меравад, ки он метавонад, ҷавобгарии маданиро низ ба миён орад. Чунин мавқеъгирии муаллиф асосноккунии мавқеи онҳоро дар раванди ҳимояи ошкорои рисола тақозо менамояд.

3. Муаллиф дар саҳифаи 6-и автореферат дар қисмати мубрамии мавзуъ зикр намудааст, ки «яке аз мушкилоти муқовимат ба экстремизм ин баҳсбарангез будани истилоҳоти ҳуқуқии «фаъолияти экстремистӣ» ва «фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ эътироф карда шудааст» мебошанд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» мустақар гардидаанд. Вале ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур пешниҳодҳои муаллиф манзур нагардидаанд.

Дар маҷмуъ эродҳои зикршуда сатҳу сифати корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** масъалаи муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бори нахуст дар шакли комплексӣ дар доираи диссертатсияи номзадии мазкур баррасӣ карда шуд.

– **пешниҳод шудааст:** мафҳуми экстремизми иттилоотӣ, хавфнокии экстремизми иттилоотӣ дар замони муосир, аломатҳои экстремизми иттилоотӣ тибқи КҶ ҶТ ва КҲМ ҶТ ва коркардҳои илмӣ ҷиҳати такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои зиддиэкстремистӣ.

– **исбот шудааст:** содиршавии ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ, ки дар 95% ҳолатҳо бо истифодаи интернет содир мешаванд ва дар таҷрибаи ҳуқуқтадбиққунӣ дар баъзе мавридҳо кирдорҳои ба он алоқаманд ба таври дуруст баҳои ҳуқуқӣ дода намешаванд.

– **ҷорӣ намудани:** пешниҳодҳои мукаммал вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҳуқуқвайронукунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма».

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои кори илмӣ барои дарки илмии мафҳуми экстремизми иттилоотӣ ва бандубасти дурусти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки дар онҳо аломати экстремизми иттилоотӣ ҷой доранд, мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин, натиҷаҳои он метавонанд дар раванди такмили қонунҳои самти амнияти иттилоотӣ, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои зиддиэкстремистӣ ва дигар санадҳои хусусияти консептуалидошта истифода шаванд. Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма ва заминаи боэътимод баромад намоянд. Ҳамзамон, натиҷаҳои пажуҳиши мазкур метавонад дар ҷараёни машғулияти таълимӣ ба курсантон, шунавандагон, донишҷӯён, кормандони амалӣ ҷиҳати дуруст

дарк намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, хусусан экстремизми иттилоотӣ мусоидат намоянд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** самтҳои гуногуни ҷанбаҳои мухталифи экстремизми иттилотӣ аз нигоҳи илмҳои фалсафа, мантиқ, психология ва назарияи фанҳои ҳуқуқӣ аз қабили ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, квалификатсияи ҷиноят ва ғ. мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Дар таҳқиқот як қатор усулҳо ба монанди усулҳои умумии таҳлил (анализ) ва таркиб (синтез), усулҳои махсуси илмӣ, аз қабили мантиқӣ-расмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, махсуси ҳуқуқӣ ва маҷмуи усулҳои хусусии илмӣ ба мисли ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, пурсиши сотсиологӣ, мусоҳиба, омӯзиши ҳуҷҷатгузорӣ ва ғ. самаранок истифода шудаанд.

– **баён шудани** мафҳум ва моҳияти экстремизми иттилоотӣ, ба ҷамъият хавфнокӣ, ҷавҳари асосӣ ва аломатҳои махсуси он, ки табиати ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятии падидаи мазкурро муайян месозанд.

– **ошкор гардидани** хавфвнокии экстремизми иттилоотӣ дар замони муосир, ки бо истифодаи воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои алоқаи баркӣ, аз ҷумла, интернет, экстремистон дар кӯтоҳтарин вакт бо камтарин хароҷоти моливу пулӣ метавонанд тафаккури ҷавонон ва мардуми ноогоҳро ифротӣ гардонанд, гурӯҳҳои муташаккили экстремистӣ созмон диҳанд, накшаҳои ҷиноятии худро аз дохил ва хориҷи кишвар ҳамоҳанг созанд ва ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаро содир кунанд, ки чунин хавфу хатарҳо на танҳо ба амнияти кишварҳои алоҳида, балки минтақа ва ҷаҳон бевосита таҳдид менамоянд.

– **омӯхта шуданд** қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои узви ИДМ, санадҳои меъёрӣ-хуқуқӣ дар доираи ҳамкориҳои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), Созмони паймони амнияти дастаҷамъӣ (СПАД), ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидошта инчунин, амалияи тафтишоти пешакӣ ва судии кишвар дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ.

– **аз нав такмил додани** баъзе аз муқаррароти қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, бо мақсади риояи принсипҳои қонуни ҷиноятӣ дар тамоми моддаҳои КҶ ҶТ ба ҷойи истилоҳи «истифодаи ВАО ё шабакаи интернет» истилоҳи комилтари «истифодаи ВАО ё шабакаҳои алоқаи баркӣ, аз ҷумла, интернет» ворид карда шавад. Ғайр аз ин, диспозитсияи моддаҳои 189, 307 ва 307(1) КҶ ҶТ дар доираи як моддаи алоҳида муттаҳид карда шаванд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** натиҷаҳои аз он бадастомада метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ оид ба такмили меъёрҳои

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи ҳуқуқтадбиққунӣ ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта, зимни бандубасти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мусоидат намоянд. Маводи таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар ҷараёни машғулияти таълимӣ ҳангоми омӯзиши ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, квалификатсияи ҷиноят ва курси махсуси муқовимат ба экстремизм ва терроризм истифода намуд.

–**муайян карда шуданд, ки** дар таҷрибаи ҳуқуқтабиқнамоӣ роҷеъ ба дарки вокеии аломатҳои таркиби 189, 307 ва 307(1) ва аз ҳамдигар фарқ кардани онҳо мушкилоти амалӣ ҷой дошта, моддаҳои 307(2) ва 307(3) **КҶ ҶТ** идомаи мантиқии моддаҳои дар боло зикршуда мебошанд, ки аз ба ҷамъият хавфнокии баландтар доштани ин кирдорҳо шаҳодат дода, тафриқакунонӣ ва баҳодиҳиро танҳо дар ҳамгироӣ ва доираи ду моддаи мукаммал тақозо менамоянд.

– **коркард карда шуд:** дар сатҳи қонунгузорӣ бо таври мушаххас муайян набудани маҳакҳои тафриқакунонии ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои кирдори хусусияти экстремистидошта бо м. 462(1) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ ва м. 189 КҶ ҶТ. Бинобар ҷой доштани мушкилоти ҷойдошта диссертант пешниҳод намудааст, ки бо мақсади дифференсиатсиякунонии ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятии кирдорҳои хусусияти экстремистидошта мукаммалсозиро дар сатҳи қонунгузорӣ тақозо менамоянд, аз ҷумла, диспозитсияи қ. 1 м. 374 КҲМ ҶТ дар баробари табиати маъмурии экстремизми иттилоотӣ (тайёр ва паҳн кардани маводи экстремистӣ) кирдорҳои маъмуриеро фарогир мебошад, ки дорои хусусияти экстремистӣ нестанд. Аз ин лиҳоз, дар доираи м. 462(1) КҲМ ҶТ муқаррар сохтани онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

– **муаррифӣ карда шуд:** бо мақсади аз байн бурдани мушкилоти мавҷудаи амалӣ дар самти бандубасти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ моддаҳои 189, 307 ва 307(1) КҶ ҶТ дар доираи як моддаи комил бо номи «Даъватҳои оммавӣ барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва ё моил кардани шахс барои амалӣ сохтани чунин ҷиноятҳо ва (ё) сафедкунии оммавии экстремизм» муттаҳид карда шуда, дизпозитсияи қисми 1 моддаи мазкур чунин муқаррар карда шавад: «Бо таври ошкоро ва ё пинҳонӣ барангехтани бадбинӣ ва душманӣ дар байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ дар асоси ангезаҳои экстремистӣ (сиёсӣ, динӣ, миллатгароӣ, нажодпарастӣ, ҷудоихоҳӣ, маҳалгароӣ), ва ё ба амал овардани даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва ё бо таври дигар сафедкунии оммавии мафкура ва амалҳои экстремистӣ ё моил сохтани шахси дигар барои содир намудани амалҳои зикркарда ё паҳн кардани маводи экстремистӣ бо

истифода аз воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет, агар чунин кирдор такроран баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ дар давоми сол содир шуда бошад».

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки унвонҷӯ ҳангоми пажӯҳиш ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зиддиэкстремистӣ такя намуда, ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ андешаҳои худро баён намудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои муаллиф дар заминаи маълумоти оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва тафтишотӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** моддаҳои 307(2) ва 307(3) КҶ ҶТ дар доираи як модда бо номи «Ташкил, роҳбарӣ ва ё иштирок дар иттиҳоди (ташкилоти) экстремистӣ» муттаҳид карда шуда, диспозитсияи он дар чунин шакл пешниҳод карда шавад: «Ташкили иттиҳоди (ташкилоти) экстремистӣ, яъне гурӯҳҳои муташаккили муттаҳидшудаи ташкилкунандагон, роҳбарон ё дигар намояндагони қисмҳо ё воҳидҳои сохтории чунин ташкилот, ки бо мақсади таҳияи нақша ва (ё) шароити содир намудани як ва ё якчанд ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ташкил карда шудааст ва ё нисбати чунин ташкилот аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдо карда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бо сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст».

– **ғоя асоснок шудааст, ки** дарки воқеии аломатҳои таркиби моддаҳои 307(1), 307 (2) ва 307(3) КҶ ҶТ ва фарқ намудани онҳо аз моддаҳои 189 ва 307 КҶ ҶТ бе муроҷиат намудан ба мазмуни истилоҳоти «фаъолияти экстремистӣ», «фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ эътироф карда мешавад», «ташкилоти экстремистӣ» ва дигар истилоҳоти бо онҳо алоқаманд дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» бо таври баҳсбарангез мустақаргардида, имконнопазир аст.

– **муайян шудаанд:** Аломатҳои объективӣ ва субъективии моддаҳои 189, 307, 307(1), 307(2), 307(3) ва 307(4) ғайр аз баъзан мавридҳо, комилан ба ҳамдигар якранг мебошанд ва тафриқагузории онҳо дар байни худ барои шахсони ҳуқуқтадбиқкунанда мушкилотро дар самти бандубасти ҷиноятҳои зикршуда ба миён овардааст. Бо дарназардошти, ин дар доираи панҷ моддаи алоҳида муқаррар сохтани аломатҳои як кирдори ҷиноятии мураккаби давомдор аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ зарурат надорад.

– **истифода карда шуданд:** дар ҷараёни пажуҳиш таҷрибаи судӣ-тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар вобаста ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ, ки дорои аломатҳои экстремизмӣ мебошанд,

маводҳои омории СМИТ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2014 то 2024 ва натиҷаҳои назарсанҷӣ дар байни мутахассисони касбӣ истифода шудаанд. Ҳамчунин, таҳқиқот ба омӯзиш ва таҳлили асарҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ асос ёфтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муҳаққиқ бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешниҳоди ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, интишороти ӯ собит мегарданд. Гузашта аз ин, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои асосии илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ тасдиқ карда мешавад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 марти соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафарашон номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои шурои дисертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзоев Қ.Х.**

15 марти соли 2025